Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
(734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6

**ТАҚРИЗ**

**Ба автореферати диссертатсияи Бахетгули Аймайти. (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзуи: "Маънои консептуалии "шодӣ" ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Масъалаи омӯзиши маънои консептуалии "шодӣ" ҳамчун инъикоси консепти забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ аз як ҷиҳат барои забоншиносии муосир заминаи устувор мегузорад, аз тарафи дигар, муҳиммияти таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Мавзуи интихобшуда дар доираи самтҳои гуногуни забоншиносии муосир – шинохтӣ (когинитвӣ), фарҳангӣ, қавмӣ метавонад мавриди омӯзиш қарор гирад. Аммо дар таҳқиқоти мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба пажуҳиши хусусияти забонӣ-фарҳангии яке аз маъноҳои эҳсосотӣ, яъне олами ботинии инсон, ҳамчун соҳиби фарҳанги муайян дар доираи парадигмаи инсонмеҳварӣ равона гардидааст.

Аҳаммияти мавзуи диссертатсияи мазкур дар он аст, ки дар маркази диққати илмҳои инсонмеҳварии муосир асосан олами ботинӣ, фаъолияти маърифатию эҷодӣ, шууру тафаккур, забон ва фарҳанги инсон қарор гирифааст. Ҳамчунин, забоншиносии муосир ба масъалаи муайян сохтани таъсири мутақобилаи забонҳо ва таҷассуми андешаҳои арзишӣ тавассути воҳидҳои забон ва нутқ пардохтааст. Натиҷаи вербалии афкори донишномавӣ, эҳсосӣ-ҳиссиётӣ, миллию фарҳангӣ, фаҳмиши ассотативии доираи муайяни мавзуъро консепт ташкил медиҳад. Интихоби мавзуъ аз он ҷиҳат муайян карда мешавад, ки консепти "шодӣ" яке аз заминаҳои асосӣ барои ҳар як шахс, сарфи назар аз миллат, нажод, мавқеи ӯ дар ҷомеа, вазъи иҷтимоӣ, ҷинс, синну сол ва ғайра асоснок мебошад.

Мақсади таҳқиқот омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои забонӣ-фарҳангии маънои консептуалии "шодӣ" дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ. Вобаста ба мақсади гузошташуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст.

Кори диссертсионии **Бахетгули Аймайти. (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзуи: "Маънои консептуалии "шодӣ" ҳамчун падидаи**

**забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ”,** мувофиқ ба талабот (стандарт) –ҳои нави илмӣ таҳия гардида, дар он тарзи овардани иқтибос, таҳияи бобу фасл ва зерфаслҳо, хулосаву рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима сурат гирифтааст, ки ба мазмун ва моҳияти дисертатсия арзиши дигар зам мекунад. Ҳамчунин ин тарзи таҳияи рисола барои корҳои илмию таҳқиқотӣ дар оянда метавонад чун роҳнамо хидмат намояд.

Мақолаҳо ба мавзуи таҳқиқшаванда мутобиқ буда, мундариҷаи кори илмии баанҷомрасидаро инъикос менамоянд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола хеле муфиданд:

1. Дар аксарияти саҳифаҳо номгӯйи адабиёт дар дохили қавси муқаррарӣ омадааст.
2. Дар автореферати рисола хатогиҳои услубию имлоӣ ба назар мерасанд, вале манзалати онро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ, камбудиву норасоиҳои номбаршуда аҳамияти илмии таҳқиқи мазкурро халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо ҷанбаи фаннӣ - тавсиявӣ дошта, ислоҳпазиранд ва ба мазмуну мухтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Диссертатсияи номбурда таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ барои илми забоншиносии тоҷик маводи зарурӣ маҳсуб мeёбад, ки кори таҳқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои илмии минбаъда, таълифи осору мақолот ва таҳияи фарҳангҳои тафсирию соҳавӣ, ҳангоми тадриси фанҳои назария ва амлияи тарҷума ва тарҷумашиносӣ барои донишҷӯён истифода намуд. Ҳамзамон, ҳамчун маълумот барои муҳаққиқон ва ҳаводорони масъалаи консепт ва консептшиносӣ арзиши амалиро доро мебошад, роҳнамои хубе шуда метавонад.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну мухтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсияи **Бахетгули Аймайти (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзуи: “Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ”,** кори анҷомёфта буда, ба

талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарризи ғайрирасмӣ:**

Профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ                    Раҳмон Наргис Шариф

Суроға: 734003 ш. Душанбе, н. Сино, хиёбони
Нусратулло Махсум 8/4, 43
Телефон: 917-09-02-99;
Email:: nargisbonu66@mail.ru.

Имзои профессор Раҳмон Н.Ш-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ                    Зоирхонзода Фаромуз Зоирхон

**Суроға:**734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj

«_20_»__08__ соли 2025